Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

3 августи соли 2002. Шанбе № 59 (12801)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.30 имзо гардид.

## Ӯзбекистон—Ҷопон: марҳалаи нави ҳамкорӣ

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов мувофиқи таклифи Ҳукумати Ҷопон 28-31 июл бо сафари расмӣ дар мамлакати Офтоббаро меҳмон буд.**

Ӯзбекистон шарики стратегии боз як давлати пурқудрати ҷаҳон гардид. Ҳарчанд то сафари кунун мамлакати мо ва Ҷопонро шарикони стратегӣ номидан мумкин буд, вале дар Токио ба имзо расидани Изҳороти муштарак дар бораи дӯстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳамкорӣ расмӣ гардидани ин мӯносибатҳо гардид ва имкониятҳои навро барои рушди минбаъдаи равобити байниҳамдигарӣ фароҳам овард.

Ҷопон яке аз мамлакатҳое мебошад, ки бо Ӯзбекистон ҳамаҷониба ва зич равобитро ба роҳ мондааст. Ҳаҷми сармояҳое, ки то ҳол ба иқтисодиёти мамлакати мо гузошта шудаанд, аз 1,6 миллиард доллари ИМА зиёд мебошад. Ба ҷуз ин дар доираи барномаи «Кӯмаки расмӣ ба пешрафт» ба сифати кӯмаки ройгон беш аз 100 миллион доллар ҷудо карда шудааст. Аз оғози соли 2000-ум то кунун 48 қарордод ба имзо расидааст, ки ҷудо кардани маблағро ба андозаи 2,225 миллион доллар барои лоиҳаҳои доираи хурд таъин гардидаанд. Дар Ӯзбекистон намояндагии 18 ширкати ҷопонӣ фаъолият пеш мебарад, қариб 10 корхонаи муштарак арзи ҳастӣ мекунад. Ҷоиз аст қайд намоем, ки дар соҳаи сиёсӣ ҳам ҷонибҳо муносибатҳои ба ҳамдигар монандро оид ба бисёр масъалаҳои байналхалқӣ доранд. Дар мубориза ба муқобили терроризм ҳам ду мамлакат ташаббусу арзи амали якдигарро маъқул медонанд ва ҷонибдорӣ мекунанд. Ӯзбекистон ба мавқеи худ дар бобати ҷонибдории иқдом оиди ба таркиби узви доимии Шӯрои Амнияти СММ дохил кардани Ҷопон садоқатманд аст.

Агар сухан дар бораи шарикии нави стратегии ду мамлакат равад, пеш аз ҳама моҳият ва мазмуни ин муносибатҳоро зикр кардан лозим меояд. Гап дар сари он аст, ки як қатор мамлакатҳо, бо назардошти манфиатҳои хеш дар мӯҳлати муайян бо ягон давлат ҳамкорӣ мекунанду баробари тағйир ёфтани ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳон ва ё тағйир ёфтани вазъият дар мамлакат-шарик муносибати худро ба он дигар мекунанд. Шарикии стратегӣ бошад, муносибатҳои дурудароз, зичро дар бар гирифта, аз боварии ҳамдигарӣ саршор мебошад.

Дар ҳуҷҷати мазкур ҷонибҳо ниятҳои байниҳамдигарии худро оиди рушди муносибатҳои дӯстона ва шарикии стратегӣ дар пойгоҳи баробарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва дигар усулияту меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофгардидаи ҳуқуқҳои байналхалқӣ баён кардаанд. Ба сифати вазифаи муҳими ҳамкории дуҷониба рушди минбаъдаи равобит дар соҳаи савдо, сармоягузорӣ, технологияҳо, таълим ва дигар соҳаҳо пешбинӣ гардидаанд. Ҳамчунин зикр ёфтааст,ки Ӯзбекистон ва Ҷопон аз қарор ёфтани мӯътадилӣ ва сулҳу салоҳи мустаҳкам дар Афғонистон як хел манфиатдоранд. Ҳамчунин зикр гардидааст, ки ҷониби Ҷопон саъю кӯшиши Ӯзбекистонро дар бобати дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд овардани минтақае ҷонибдорӣ мекунад, ки аз силоҳи ядроӣ орӣ бошад.

Ҷоиз аст, қайд намоем, ки моҳи марти соли кунун Ӯзбекистон шарики стратегии ИМА эълон гардид. Алҳол мамлакати мо муносибатҳои зичу боэътимодро бо давлатҳои пурқудрат чӣ дар Шарқу чӣ дар Ғарб расман ба роҳ мондааст. Агар ба ин доира шарикони боэътимодамонро аз Аврупо ҳамроҳ намоем, дар он сурат равшан мегардад, ки Ӯзбекистон дар арсаи байналхалқӣ ба туфайли сиёсати дурбинона, оқилонаву собитқадамона амалигардидаистодаи Президент Ислом Каримов мақоми калонро соҳиб мегардад.

Ҳуҷҷати дуюме, ки дар Токио Президент Ислом Каримов ва Нахуствазири Ҷопон Ҷунитиро Коидзумӣ ба имзо расонданд, Изҳороти муштарак оиди рушди ҳамкории иқтисодӣ ва мадад расондан ба ислоҳоти иқтисодии Ӯзбекистон низ аҳамияти фавқулодда муҳим касб мекунад. Вай рушди заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро оид ба бисёр соҳаҳои иқтисодиёт дар бар гирифтааст. Аз он ҷумла, он дар худ чунин масъалаҳо, аз қабили ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ, ҳифзу рағбатноксозии байниҳамдигарии сармояҳо, минбаъда вусъат додани ҳамкориро дар соҳаи роҳи ҳавоӣ таҷассум гардондааст. Албатта, махсусан зикр гардидааст, ки ҷониби Ҷопон минбаъд низ ислоҳотро дар Ӯзбекистон васеъ ҷонибдорӣ мекунад.

Ба имзо расидани ҳуҷҷати байниҳукуматӣ дар қароргоҳи Нахуствазири Ҷопон воқеаи нодир ба ҳисоб меравад. Он вазъият, яъне ҳангоми сафари Ислом Каримов ҳуҷҷатҳо маҳз дар қароргоҳи Нахуствазири ин мамлакат ба имзо расиданаш, аз муносибати махсуси Ҷопон нисбати мамлакати мо гувоҳӣ медиҳад. Ва онро ҳамин далел ҳам тасдиқ мекунад, ки аз ҳамкории стратегӣ на танҳо Ӯзбекистон, балки Ҷопон ҳам манфиатдор асту ҳар ду ҷониб саъю кӯшиши зиёдеро ба он харҷ медиҳанд, то ки равобити байниҳамдигарии шарикӣ ба дараҷаи боз ҳам баландтар бардошта шавад.

Умуман дар Токио чордаҳ ҳуҷҷат ба имзо расид. Ҳамин тавр, заминаи ҳуқуқии муносибатҳои мутақобила байни мамлакатҳоямон таҳким ёфта, сермазмуниро касб намуд.

Ҳуҷҷатҳо дар бораи ҳамкорӣ байни идораҳои сиёсати берунаи ду мамлакат, Вазорати равобити берунии иқтисодӣ ва корпоратсияҳои «Мицибуси», «Мицуи», «Марубени», «Нише Иваи», байни Бонки миллии фаъолияти берунии иқтисодии Ӯзбекистон ва «Bank ot Tokyo-Mytsugisi» оид ба вомҳои имтиёзнок, дар бораи шарикӣ байни Ширкати миллии «Ӯзбектуризм» ва Ассотсиатсияи оҷонсиҳои сайёҳии Ҷопон, чанд ширкатҳои сайёҳӣ, ҳамчунин мубодилаи нота дар хусуси ҷудо кардани 348 миллион иен ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расиданд.

Ислом Каримов доктори фахрии ҳуқуқи Донишгоҳи Васедаи Токио эълон карда шуд ва он низ воқеаи муҳим ба ҳисоб меравад. Шӯрои илмии донишгоҳ ба Президенти Ӯзбекистон барои ҳиссаи калонаш оиди рушди равобити илмии ӯзбекистониву ҷопонӣ ин унвонро дод ва баён кард, ки маҳз Президент ташаббускор ва бунёдгузори асосии Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо мебошад.

Дар маҷлиси мутантан дар донишгоҳ эълон гардид, ки мувофиқи Фармони Президенти Ӯзбекистон барои ҳиссаи калонаш дар бобати таҳкими дӯстӣ байни халқҳои ду мамлакат, рушди ҳамкорӣ дар соҳаи илму фарҳанг олим ва арбоби намоёни номдори ҷамъиятӣ, ректори Донишгоҳи Васеда Такаясу Окушима бо ордени «Дӯстлик»-и ҷумҳурияти Ӯзбекистон мукофотонида шудааст. Онро Ислом Каримов супурда, эълон кард, ки ин рамзи дӯстии байни Ӯзбекистону Ҷопон ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти ҳуҷҷатҳои қабулгардида, гуфтушунидҳои босамару пурмазмуни рӯшодгӯиву дӯстонаи Ислом Каримов бо намояндагони доираҳои ҳукуматӣ, корчаллонӣ ва академӣ дар рафти сафар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сафар ба дараҷаи баланд гузашт. Натиҷаҳои сафарро таҳлил намуда, Президент Ислом Каримов се масъаларо махсусан зикр намуд.

Масалаи аввал, бешак ин расман тасдиқ гардидани ҳамкории стратегӣ байни Ӯзбекистон ва Ҷопон.

Боз як натиҷаи муҳим ин муносибатҳо дар соҳаи сиёсӣ ба дараҷаи тамоман нав гузаштанд. Дар мамлакати мазкур беш аз 50 сол боз Ҳизби либералӣ-демократии Ҷопон нақши сарвариро мебозад. Бо ташаббуси ҳизби мазкур дар парлумон лигаи дӯстии «ҲЛД-Ӯзбекистон» ташкил гардидааст. Дар Токио Ислом Каримов бо сарварони ҳизб ҳамсӯҳбат гардид. Дар қароргоҳи асосии ҲЛД маросими қабул ба амал омада, сӯҳбатҳо дар вазъи самимӣ гузаштанд. Дар муносибати сомондиҳандагони маросими қабул рӯҳи амиқи ҳурмату эҳтиром ва дӯстӣ бештар ҳис карда мешуд.

Ислом Каримовро Ҷунитиро Коидзумӣ ва император Акихито самимона пазируфтанд.

Мавзӯи алоҳида ин мулоқот бо император мебошад. Аз рӯи анъанот, Аълоҳазрат Император ду бор ягон сарвари давлатро намепазирад, новобаста ба он ки чанд бор ба мамлакаташ омадааст ва кадом мақом ба сафари он муносиб дониста шудааст. Ислом Каримов, ки моҳи маи соли 1994 бо император Акихито мулоқот ороста буд, ин дафъа низ меҳмони қасри император гардид. Баробари ин императори Ҷопон аҳён-аҳён меҳмононро қабул карда, мегуселонад. Аз тарафи ин шахсият, ки фахру ғурури халқи Ҷопон ба ҳисоб меравад, зоҳир гардидани муносибати самимона нисбати сарвари Ӯзбекистон, рӯшодгӯӣ ва самимӣ ҳангоми гуфтушунидҳо, некхоҳӣ нисбати мамлакати мо ҳамаи он аҳамияти калон доранд. Зеро халқ нуқтаи назари инсонеро ҷонибдорӣ мекунад, ки ӯро эҳтиром намуда, фахру ғурур дорад. Аз ин мебарояд, ки дар пойгоҳи эҳтироме, ки нисбати сарвари мамлакати мо императори Ҷопон зоҳир намуд, маънои калон ниҳон мебошад.

Ҳамин тавр, дар Токио возеҳу равшан гардид, ки муносибатҳои сиёсии ӯзбекистониву ҷопонӣ ба дараҷаи нави баланд бардошта шудааст. Ва он албатта, аз эътирофи сиёсати одилонаи мамлакати мо ислоҳотҳое, ки таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов ба рӯи об бароварда мешаванд, эҳтиром нисбати халқу ҳукуматамон гувоҳӣ медиҳад.

Боз як ҷиҳати муҳими сафар он аз нигоҳи иқтисодӣ моломол будани масъалаҳо мебошад. Агар бо суханони Ислом Каримов баён созем, мулоқотҳои ҷудогона бо сарварони корпоратсияҳои калоне ба амал омаданд, ки «сиёсати иқтисодиро дар Ҷопон пеш мебаранд, маросими қабул бо иштироки тадбиргарони номдори доираҳои корчаллонӣ сурат гирифтанд, ки аҳамияти калон доранд. Дар рафти сӯҳбатҳо, ки бо рӯҳбаландӣ гузаштанд, як қатор аҳду паймонҳо оид ба такмил додани соҳаи энергетика, технологияҳои иттилоот, саноатҳои бофандагӣ, кимё ва сабук, низоми коммуникатсионӣ ҳосил шуданд.

Созишнома дар соҳаи саноати азнавкоркарди пахтаву пилла боиси диққату эътибори калон аст. Дар мамлакати дилхоҳе, ки дар ин соҳаҳо истеҳсоли маҳсулоти тайёр ба роҳ монда шудаасту босамарӣ ва хушсифатии маҳсулот таъмин гардидааст, даромад нисбати худи пахтаву пилла чандин маротиба зиёд мебошад. Ва акнун возеҳу равшан мегардад, ки барои чӣ дар соҳаҳои мазкури Ӯзбекистон бештар таҷҳизот ва технологияи ҷопонӣ татбиқ мегарданд.

Ислом Каримов зикр намуд, ки барои Ҷопон Ӯзбекистон вазифаи кӯпрукро дар Осиёи Марказӣ иҷро мекунад. Ва дарҳақиқат вақтҳои охир баробари дигар мамлакатҳо муносибати Ҷопон ба Ӯзбекистон ва Осиёи Марказӣ ба куллӣ тағйир ёфтааст. Агар бигӯем, ки солҳои охир ҷаҳон Ӯзбекистонро барои худ ба тарзи нав кашф намуд, ягон мубоспиғае намебуд. Ва он сабабҳои зиёде дорад. Акнун ягон кас аҳамияти стратегӣ ва геосиёсии Ӯзбекистонро дар минтақа, нерӯи захиравиву иқтисодии он инкор карда наметавонад.

Ҳамин тавр, сафари Ислом Каримов ба Ҷопон бо натиҷаҳои баланд ба анҷом расиданд. Чуноне ки зикр гардид, Ӯзбекистон равобити ҳамкории стратегиро бо мамлакатҳои пурқуввати Ғарб ба роҳ монда, мақоми расмиро оиди шарикии зич бо давлати номдори Шарқ ба вуҷуд овард. Мамлакати мо дасти дӯстӣ ва ҳамкориро аз Шарқ то Ғарб дароз кардааст. Бешак, созишномаҳое, ки дар рафти сафар ҳосил гардидаанд, меваҳои худро мебахшанд.

**Анвар БОБОЕВ,**
**мухбири махсуси ӮзА.**
**Тошканд—Токио—Тошканд.**

## Ба пешвози 2700-солагии Шаҳрисабз

## Шаҳре, ки алҳол нигоҳи дунё дӯхта шудааст

Шаҳру ноҳияи Шаҳрисабз баъди ба даст омадани истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон симои худро ба куллӣ тағйир дода, умри дубораи худро аз сар мегузаронад. Маскани мазкур, ки гаҳвораҷунбони Соҳибқирон Амир Темур, диёри бисёр алломаву одамони номдори олами тафаккур гардидааст, нури офтоби истиқлолро ба сар тоҷ карда, аз дигаргунсозиҳои калоне бархурдор гардида, ба ҷашни 2700-солагии худ тайёрии ҳаматарафа мебинад. Шаҳри мазкур, ки дар қатори Самарқанду Бухоро, Хева таҳти васояти ЮНЕСКО қарор гирифтааст, имрӯзҳо ба бар либоси тамоман нав мегирад. Зеро 2700-солагии Шаҳрисабз аз рӯйхати идҳои ЮНЕСКО ҷо гирифтааст ва тирамоҳи соли кунун мутантан таҷлил қарда мешавад.

Мухбирамон ба ҳокими шаҳри Шаҳрисабз Шомурод Раҷабов мусоҳиб гардид ва хоҳиш намуд, ки дар бораи таърихи шаҳр, аҳамияти маънавии ҷашни 2700-солагии шаҳр ва рафти тайёрӣ ба он нақл намояд.

Ӯ дар ҷавоб чунин гуфт:

— Шаҳрисабз ба рӯйхати мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО дохил карда шуда,— 2700-солагии ҷашни он низ аз тарафи ин ташкилоти байналхалқӣ тасдиқ гардид ва саросари дунё алҳол нигоҳи худро ба он нигарондааст, ки ҷашни шаҳри азизи мо чӣ тавр, дар кадом поя гузаронда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар бобати муайян кардани «синну соли» шаҳр бисёр тадқиқотҳо сурат гирифтанд. Ҳангоми тайёрӣ ба ҷашни 660-солагии зодрӯзи Амир Темур як гурӯҳ олимони Пажӯҳишгоҳи ҳафриётшиносии ФУ ва Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон барои муайян кардани «синну соли» Шаҳрисабз ба корҳои тадқиқотӣ шурӯъ намуданд. Онҳо дар ҷои қадимаи Шаҳрисабз, ки алҳол ноҳияи Китоб аст, ҳафриёт бурданд. Натиҷаҳои аввалин ва нахустин бозёфтҳо диққату эътибори олимони англиягӣ ва амрикоиро ҷалб сохт ва онҳо ба экспедитсияи муштарак асос гузоштанд.

Аз соҳили Шӯрободи силсилакӯҳҳои Зарафшон ёдгориҳои Сангиртеппа ва Узунқир ёфт шуданд. Ва аниқ гардид, ки ин манзилгоҳҳо дар садаҳои X-IX то милод барпо гаштаанд. Ҳафриётшиносон ҳудуди қадимаи Кешро дар 30 километр доира муайян карданд, ки ҷои ҳозираи хоҷагии ширкатии ба номи Р.Шаймонови ноҳияи Китоб ба ҳисоб меравад. Ва маскани мазкур дар садаҳои YIII-YII то милод 3 гектар майдонро ишғол намуда, баъд васеъ гардида будааст.

Ба фикри ҳафриётшиносон ҷои кӯҳнаи Кеш қалъаи Узунқир—маркази вилоят будааст. Ҳамин тавр, далелҳо исбот карданд, ки Шаҳрисабз яке аз шаҳрҳои қадимаи Осиёи Марказӣ мебошад ва «синну солаш» тақрибан ба 2700 баробар аст. Ва он санаи муҳим дар таърихи давлатдории Ӯзбекистон буд. Чунки то ҳол 2500-солагии Бухоро, Самарқанд, Хева таҷлил гардида буданд.

Ба мақсади тасдиқ намудани 2700-солагии Шаҳрисабз ду маротиба конфронси байналхалқии илмиву амалӣ гузаронда шуд. Дар онҳо даҳҳо мутахассисон аз Англия, Амрико, Фаронса, олмон ва дигар давлатҳо иштирок намуда, ин санаро тасдиқ намуданд. Соли 1999 бошад, ба Шаҳрисабз корбасти ЮНЕСКО Андрио Бруно ташриф оварда, аз ёдгориҳои қадимаи шаҳр ба ваҷд омада, аз паи ба рӯйхати мероси умумиҷаҳонӣ дохил кардани онҳо шуд ва 14 обидаи таърихӣ, маркази таърихии шаҳр аз рӯйхати мероси умумиҷаҳонӣ ҷо гирифт. Маҷмӯъаҳои Оқсарой, Доруттиловат, Доруссаодат ба қатори ба ном ҳафт мӯъҷизаи дунё ҳамроҳ гардиданд. Гуфтан ҷоиз аст, ки худшиносӣ ва фароҳам овардани имконият дар бобати гузарондани тадқиқотҳо комёбии маънавӣ мебошаду ҳар кадом шаҳрвандони мамлакатро ба фахру ғурур кардан водор месозад. Имрӯзҳо ба туфайли ҷашни Шаҳрисабз боз нигоҳи дунё ба Ӯзбекистон дӯхта шудааст.

Агар сухан дар бораи тайёрӣ ба ҷашн равад, имрӯзҳо шаҳр майдони фидокорӣ, ҳарбу зарб, меҳнати зарбдорона ва намоиш додани қудрату маҳоратро мемонад. Ободонӣ, сабзу хуррамгардонӣ, тармими обидаҳои меъмориву таърихӣ идомаи худро меёбанд. Ба мақсади тармими обидаҳои таърихӣ аз Бухоро, Хева ва Қӯқанд 90 нафар устоёни моҳир ташриф овардаанд. Онҳо ҳоли ҳозир дар обидаҳои таърихии Кӯкгумбаз, Ҷаҳонгир, Чорсӯ, Чӯбин фаъолият доранд. Дар маҷмӯъҳои Доруттиловат ва Чорсӯ бошад, 55 нафар устоёни Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Мерос»-и Шаҳрисабз кор мекунанд. 30 нафар усто, ки гурӯҳи махсусро ташкил додааст, дар Оқсарой бо бунёдкорӣ машғуланд. То ҳоли ҳозир беш аз 30 миллион сӯмина корҳо ба иҷро расиданд. Масҷиди Малик Аждар, ки дар садаи XIX, маҷмӯи Чорсӯ, ки дар садаи XY мебошад, низ тармим мегардад. Дар оянда дар маҷмӯи Чорсӯ кушодани галереяи санъати амалии халқ, мусаввирӣ дар назар дошта шудааст. Дар заминаи осорхонаи таърихи моддиву мадании Амир Темур Осорхона-мамнӯъгоҳи давлатии Шаҳрисабзро кушоданием. Ба ҷуз ин гузарондани конфронси байналхалқии илмиву амалиро дар назар дорем, ки дар инкишоф ёфтани давлатдорӣ ва маданияти шаҳрсозии Ӯзбекистон чӣ гуна мавқеъ доштани Кеш-Шаҳрисабз бахшида мешавад.

Хуллас, шаҳр ва аҳли меҳнати он ба ҷашни 2700-солагии Шаҳрисабз тайёрии пухта мебинанд.

## Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Чуноне ки пештар хабар додем, 29 августи соли кунун иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон даъвати дуюм ба кори худ шурӯъ мекунад. Мувофиқи қарори Кенгаши Олий Маҷлис гурӯҳи кории вакилони халқ оид ба тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи парлумон таҳти сарпарастии ҷонишини Раиси Олий Маҷлис Ф.Муҳиддинова ба созмон ёфт. 30 июл маҷлиси аввалини гурӯҳи мазкур барпо гардид.

Маҷлисро Ф.Муҳиддинова кушода, аҳамияти калони иҷлосияи дар пешистодаи парлумонро барои аз нигоҳи ҳуқуқӣ таъмин кардани рушди Ӯзбекистони мустақил дар оғози садаи XX1, сохтмони ҷамъияти демократии дорои иқтисоди бозаргонии мутараққӣ зикр намуд. Ба баррасии вакилони халқи Олий Маҷлис лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқие пешкаш карда мешаванд, ки ба минбаъда амиқ гардондани ислоҳот дар бисёр соҳаҳои ҳаёт, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ нигаронда шудаанд. Онро набояд фаромӯш кард, ки иҷлосияи нӯҳуми Олий маҷлис даъвати дуюм дар арафаи ҷашнгирии ёздаҳумин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, дар муҳити рӯҳбаландии бузурги ҷамъиятиву сиёсӣ ва кайфияти идонаи халқамон мегузарад.

Ҳамаи он ба зиммаи аъзоёни гурӯҳи махсуси вакилони халқ ва кормандони Котиботи Олий маҷлис масъулияти махсусро мегузорад. Бомуваффақият гузаштани иҷлосия аз бисёр ҷиҳат ба сари вақт ва хушсифат таҳия намудани лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар маводҳои корие, ки ба баррасии аъзоёни парлумон пешкаш карда мешаванд, аниқ ҳаллу фасл намудани маҷмӯи масъалаҳои ташкилӣ вобастагӣ дорад. Аз ҳамин сабаб то вақти ба иҷлосия монда зарур аст тамоми таҷрибае, ки парлумон ҳини тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияҳо ҳосил кардааст, сафарбар карда, фаъолияти тамоми вакилони халқ, кумитаҳо, ташкилотҳои сохтории Олий Маҷлис ба мақсади ба анҷом расондани тадбирҳои ба нақшагирифта дар мӯҳлати пешбинигардидаву ба дараҷаи зарурӣ пурзӯр гардонда шавад.

Барои ташкили хуби фаъолияти гурӯҳи кории вакилони халқ оид ба тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм қарор дар бобати дар таркиби он созмон додани се зергурӯҳи корӣ оиди самтҳои дахлдори асосии кори парлумон дарояндаи наздик қабул гардид.

Зергурӯҳи аввал таҳти сарпарастии раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва шуғл М.Сафаева бо сари вақт тайёр кардани лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки ба баррасии корпуси вакилони халқ пешкаш мегардад, умум гардондан ва таҳлили таклифу мулоҳизаҳои расида бо назардошти такмил додани онҳо, ҳамчунин ташкили сари вақт расондани маводҳои иҷлосия ба вакилони халқ машғул мегардад.

Ба зергурӯҳе, ки ба фаъолияти он раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот Ӯ.Ҳошимов сарварӣ мекунад, супурда шуд, ки рафти тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи парлумонро дар воситаҳои ахбори оммавӣ мунтазам равшан карда, боэътимодии кори низоми электронии овоздиҳии «Рада-Мажлис», тарҷумаи таҳтуллафзии маҷлисҳои пленариро дар маҷлисгоҳ ва номнавискунии паёмнигорон таъмин созад.

Зергурӯҳ таҳти сарпарастии раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа И.Кочмарик бо масъалаҳои ҷойгир сохтани вакилони халқе, ки ба иҷлосия меоянд, ташкили хизматрасонии нақлиётӣ, тиббӣ, маишӣ ва фарҳангӣ ба онҳо машғул мегардад.

Иштирокдорони маҷлис нақшаи кори гурӯҳи кории вакилони халқро тасдиқ намуда, оид ба масъалаҳои тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи нӯҳуми Олий маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон даъвати дуюм дар савияи баланди сиёсӣ, касбӣ ва ташкилӣ мубодилаи афкор намуданд.

## Соҳибкории хурду миёнаро вусъат диҳем

**Маҷлиси навбатии Кенгаши ҷумҳурии мутобиқсозӣ оиди рағбатноксозии рушди соҳибкории хурду миёна ба амал омада, таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазир, раиси кенгаш Р.Азимов гузашт.**

Дар он натиҷаҳои фаъолият оид ба рушди соҳибкории хурду миёна дар нимаи якуми соли 2002 ва тадбирҳо оид ба минбаъда куллан афзун гардондани миқдори онҳо дар партави фармоишҳои Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар маҷлиси Девони Вазирон аз 18 июли соли кунун мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Зикр гардид, ки дар нимаи якуми соли кунун фаъолият оид ба рушди соҳибкории хурду миёна ва тадбиргарии хусусӣ пурзӯр гардид. Миқдори обектҳои соҳибкории хурду миёнаи номнависгардида ба 18 фоиз афзуда, ба 224 ҳазор нафар расид. Аз ҳисоби рушди тадбиргарӣ 198,9 ҳазор ҷои кори нав ба вуҷуд оварда шуд, ки нисбати нақшаи дурнамо 1,5 маротиба зиёд аст. Вазни қиёсии тадбиргарии хурду миёна нисбати маҳсулоти умумии дохила то ба 33 фоиз расидааст.

Ҳаҷми ба обектҳои соҳибкории хурду миёна ҷудо кардани маблағ афзуд. Аз маблағи вомҳои хориҷа 40,4 миллион доллари ИМА азхуд гардид. Тадбирҳо оид ба ҷалб сохтани сармояҳои иловагии хориҷиён андешида мешаванд.

Вале дар соҳа ҳанӯз камбудиҳо мавҷуданд. Зикр ёфт, ки дар нимаи якуми сол баҳри ҳифзи манфиати тадбиргарон мақомоти адлия ба судҳо бо 3165 аризаи даъвоӣ арзиши умумиашон 4,18 миллиард сӯм муроҷиат карда, аз 272 шахси мансабдор 345,8 миллион сӯм ситонда шудааст. 788 шахси мансабдор ба ҷавобгарии интизомӣ кашида, 106 нафарашон аз вазифа сабукдӯш гардидаанд.

Дар маҷлис ҳамчунин иттилооти Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор, Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории хусусигардонӣ дар бобати рушди инфрасохтори бозаргонӣ, таъмини аз захираҳои моддиву техникӣ бархурдор будани онҳо шунида шуд.

Кенгаши мутобиқгар масъалаи вусъат додани ҳаҷми вомҳои имтиёзнокро барои тадбиргарон баррасӣ карда, аз он ҷумла, ҳисоботи Бизнес-фондро дар бобати пешкаш кардани маблағи оғозӣ барои тадбиргароне шунид, ки акнун ба фаъолият сар кардаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи фаъолияти ҳокимиятҳои ноҳияҳои Бағдод, Иштихон, Берунӣ ва Акмал Икромов, шаҳри Тирмиз оиди фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории хурду миёна, ҳифзи тадбиргарӣ қарор қабул гардид ва он ғайриқофӣ ҳисобида шуд.

Ба ҳокимиятҳои ноҳияҳои мазкур ва шаҳри Тирмиз супурда шуд, ки камбудиҳоро аз нуқтаи назари танқидӣ арзёбӣ намуда, тадбирҳои таъсирбахшро оиди бартараф сохтани камбудиҳо андешанд.

Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

**(ӮзА).**



## Хоҷагии серсоҳа

Хоҷагии ширкатии «Янгиариқ»-и ноҳияи Тирмизи вилояти Сурхондарё маҳсулоти мухталифи кишоварзӣ мерӯёнад ва аз он ҳар сол даромади калон ба даст меоварад. Солҳои охир ба соҳаи фоидаовар табдил додани сабзавоту маҳсулоти полизӣ низ диққату эътибори калон дода мешавад. Аз ин рӯ ҳаҷми тайёркунии маҳсулот пайваста вусъат ёфта, сифаташ беҳтар мегардад.

Ҳоли ҳозир дар саҳроҳои хоҷагӣ ҳосил пухта расидааст. Тамоми диққату эътибор, қуввaву имкониятҳо барои сари вақт, беталаф ғундоштани ҳосил нигаронда шуда, натиҷаи матлуб мебахшад.

Дар ин бобат пудратчиёни сершумор таҳти сарпарастии пудратчии калони хоҷагӣ Худойбердӣ Менглиев намунаи ибрат мегарданд ва боздеҳи гектари пудратчиён пайваста баланд мегардад.

**Дар сурат:** раиси хоҷагии ширкатии «Янгиариқ» **Холмурод Камолов** ва сарпудратчӣ **Худойбердӣ Менглиев**.

**Матн ва сурати Искандар ХӮҶАЕВ.**
**(ӮзА).**

Соли эъзози куҳансолон

# Оташи ғайрат фурӯзон аст



**Ҳурмати пирон намову аз ҷавонӣ бас маноз**
**Дон, ки пирон низ айёми ҷавонӣ дидаанд...**

Ин байтҳо дар рӯзҳои мо аҳамияти дигаре касб намудаанд, зеро соли равон бо ташаббуси Президенти мамлакат соли эъзози пиронсолон эълон шудааст. Ҳарчанд синнашон ба ҷое расидааст, кӯҳансолон ҳамон дар ҳамаи ҷабҳаҳо худро намуна нишон медиҳанд. Ҳикояти зерини мо низ аз ҳамин боб аст.

Он гуна ки собиқадори меҳнат, раиси маҳаллаи Мӯлгон Усмоналӣ Ғиёсович нақл менамояд, солҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳон кадоме аз роҳбарони ноҳияи Сӯх фармон медиҳад, ки мазори Ҳазрат Алӣ воқеъ дар деҳаи Сариканда вайрон карда шуда, бо чӯбу тахтаҳои он болои дарё кӯпрук сохта шавад. Ҳамин тавр карданд, вале чун пагоҳӣ омада диданд, оби дарё баланд шуда, пулро бо худ бурдааст.

Инак, аз ҳамон боз мавзеи Ҳазрати Алӣ бо ҳоли худ мехобид. Дар замони шӯроҳо ба ҷой ва ёдгориҳои таърихӣ чи хел муносибат мекарданд, ба ҳар яки мо маълум.

Баъди истиқлол, ҳарчанд муносибат ба ин гуна ёдгориҳову қадамҷойҳои муқаддас тағйир ёфт, дар ноҳияи Сӯх тангии шароити иқтисодӣ бахри ободгариҳо монеъ мегашт. Барои ин кор марди майдони Сӯхзамин Баҳриддин Шодӣ дасту остин барзад. Дар давоми ду сол масҷиди Ҳазрати Алӣ бо эҳтимоми ин шахси наҷиб аз нав сохта шуд. Ҳунари волои меъморию наҷҷории Абдулло Ҷӯраев, Ҳабибҷон Хайруллоев, Раҳмон Шодиев, Мирзо Искандаров ба он харҷ шуд, ки масҷиди овозадор тарҳи наве касб намояд. Сару сардари бунёдкорон ва таъмиру тармимгарон муаллими нафақагир Баҳриддин Шодӣ буд, ки аз ҳисоби шахсӣ баҳри савоб чӣ қадаре маблағ лозим шавад, дареғ намедошт ва дигаронро низ вомедошт аз паи доштани домани кори савоб ӯро дастгирӣ намоянд.

Ин марди нексиришт ва саховатпеша кист? Ӯ Баҳриддин Шодиев, зодаи деҳаи Сарикандаи Сӯхзамин аст. Соли 1953 Донишкадаи омӯзгории Хуҷандро хатм карда, ба Сӯх баргашт ва дар мактаби миёнаи воқеъ дар деҳкадаи Шарқобод ба толибилмон аз забон ва адабиёти тоҷик дарс гуфт. Нуздаҳ сол нони ҳалоли омӯзгорӣ хӯрда ва дар таълиму тарбияи насли ҷавон саҳм гирифт. Фарзандонаш Тоҷинисою Наҷминисо, Сайфиддину Файзиддин, Икромҷону Зафарҷонро, ки алҳол ба камол расида, ҳар яке домани кори муфиде доштаанд, тарбияи хуб дод ва ба ҳар яки ин нури дидаҳояш талқин намуд, онҳо низ фарзандонашонро нек ба камол расонанд. Инак, бисту се нафар наберагонаш низ арзандаи бобои накӯномашон гардиданд.

Ба наздикӣ бо ташаббуси Баҳриддин Шодӣ ва дастгирии ҳокими ноҳия Ҳ. Сайфиддинов дар мавзеъи Ҳазрати Алӣ дигаргуниҳои куллӣ рӯи кор омад. Барои истироҳаткунандагон шипангҳои хушсохт қомат афрохт ва гирди онҳо сабзу хуррам гардонда шуд. Баҳриддин Шодӣ аз ҳисоби шахсиаш беш аз ду миллион сӯм сарф намуд, то мавзеъ бо иморату толорҳои зебо намуди дилпазире ба худ гирад. Вақте мо дар Ҳазрати Алӣ будем, нонвойҳои номдори қӯқандӣ Солиҷон Мирзоалиев ва Бахтиёр Ашӯров саргарми нонпазию нонканӣ буданд ва бӯи дилпазири нони гарм ҳиссиётеро ба ҷунбиш меовард. Мардуми зиёде бо рӯҳи болида машғули истироҳати бофароғат буданд.

Баҳриддин Шодӣ ҳамеша миёни мардум аст. Маъракае нест, ки бе иштироки ӯ сурат гирад. Диёри худро обод мекунад ва дар хуррамгардонии он саҳми муносиб мегузорад. Чунончи, роҳи якунимкилометраи деҳа бо ташаббуси ӯ ҳамвор ва мумфарш гардонда шуд. Атрофи қабристони деҳ низ девор гирифтанд ва Баҳриддин Шодӣ як қисми маблағи лозимиро ба ӯҳда гирифт.

—Баҳриддин Шодӣ, ки ташаббусгари тарҳи нав гирифтани мавзеъ ва масҷиди Ҳазрати Алӣ аст, шӯҳрати Сӯхзаминро дар вилоят бардошт,- мегӯяд собиқ ҳокими вилояти Фарғона Ғуломҷон Фозилов.

Баҳои баланди духтури бемориҳои қалби вилоят Маъруф Эгамов ва олими номӣ Юсуф Додобоев низ нисбати Баҳриддин Шодӣ ҷолиби диққат аст. Умуман хурду калони Сӯх дар ҳаққи ин шахси наҷибу саховатманд, ки синнаш ба ҳафтод расидааст, суханони нек мегӯянд.

Пирони кордида ва корозмуда Субҳиддин Тоҷибоев, Ҳисомиддин Шаҳобов, Ҳамроалӣ Шарипов, Мухтор Қодиров, Савриддин Юсупов ва дигарон ҳар ташаббуси неки Баҳриддин Шодиро дастгирӣ менамоянд ва ёр «аҳлу кор саҳл» мешавад.

Собиқадорони дигари Сӯхзамин, пирони барнодил Ӯлмас Ҳасанов, Алӣ Валиев, Ҳомидҷон Нишонов, Нарзиддин Ғаниев, Мирзо Хӯҷамов, Сулаймон Ҳамалов, Бобо Гадоев, Юсуф Нишонов, Ортиқбой Урунов, Ӯрунбой Шамсиев, Мелӣ Музаффаров, Ҳаёт Мамаҷоновҳо ҳамчунин баробари дами хуши пирӣ рондан, мисли Баҳриддин Шодӣ аз паи иҷрои кори неканд ва дар дилашон оташи ғайрат ҳамон фурӯзон аст.

**К.МУҲИДДИНОВ.**

# ЗИНДАГӢ ЗӮР АСТ
## (Қисса)

**(Аввалаш дар шумораи гузашта).**

– Дуруст. Лекин фарзанд ҳам ба ҷои худ. Аввалан, оне, ки талабгори ту аст, аз хусуси ду писари ту хуб меандешад. Дигар ин ки, худо нахоста, бачаҳоят дар хонадони нав наосоянд, ман ҳастам. Ҳавлиам калон. Калон, ки шуданд, ана, хонаю ҷояшон тайёр. Ё гапам нодуруст?

– Апаҷон... – ашк мерезад Маъсума, – Лекин...

– Лекин-пекин бас, аз бачаҳои худ дилпур бош, лозим шавад, бо онҳо худам гап мезанам. Аз тақдир, азояндаи худ фикр кун ту, ҷони ширин.

– Ҷон апа...

– Апаат чурӣ, дигар дар ин хусус гапа ғоз надеҳ. Ба Марҳабои дугонаат ҷавоби рад додаӣ, дуруст кардӣ ё не, намедонам. Зеро намедонам алҳол, ки шавҳари ӯ чӣ хел одам. Лекин донам, ки ба ту ҷои хуб ва муносибе баромад, ман аз дилу ҷон розӣ, ки ба шавҳар барой. Рӯз бинӣ.

* * *

Хонаи Маъсума.

– Хоҳарҷон, салом, – гӯён Нигор ворид мешавад.

- Э, апаҷон, ваалайкум... бо дидани ӯ шод ба истиқболаш мехезад Маъсума ва ҳини ҳолпурсӣ: — Камнамо шуда рафтед? — мепурсад бо меҳрубонӣ. — Чанд бор суроғ кунам, «меҳмонӣ рафтагӣ» гуфтанд. Ба куҷо, аниқ намедонанд.

– Узр, ба масъалаи андак нозук, ки рафтанӣ будам, аз аҳли хонавода, инчунин аз ту низ, келинҷон, рустӣ рафта омадан лозим омад.

– Масъалаи нозук? Тинҷӣ аст, охир?

– Тинҷӣ аст, ҷон, – лабханд мекунад Нигор ва ба чойнаки рӯи миз имо мекунад, ки «чой ҳаст?»

Даст ба чойнак бурда: – Ҳаст, – мегӯяд Маъсума ва зуд аз паи чои нав, кушодани дастархон мешавад.

– Маъсумаҷон, – мегӯяд Нигор, – ташвиш накашу зудтар сабаби меҳмонравӣ ва куҷо буданамро пурс. Ду бор ба Зангиота рафтам, як бор ба Фарғона.

Бо шунидани Зангиота Марҳабо мерасад ба хотири Маъсума ва бо*дили пурҳаяҷон ба хоҳаршӯ менигарад.

– Марҳабо, ки чанд бор хонаам омад...

– Шӯяша таърифкунон? – ришханд мезанад Маъсума, – дунёи аҷиб...

– Бале, дунёи аҷиб, – тасдиқ мекунад Нигор ва меафзояд: – Лекин ду бор ба Зангиота рафта, ба ҳамаи касоне, ки шӯяша аз наздик мешиносанд, сӯҳбат кунаму гап пурсам, бовар кун, дар даҳонашон фақат таърифи ӯ: ҷавони зебо, маданӣ, хушхулқ.

– Боз? – механдад Маъсума. – Дар воқеъ, худи он «таърифиро» во нахӯрдед? Дар таърифи худ чизе нагуфтанд?

– Эҳ, келинҷон... – мегӯяд Нигор низ хандида. — Ман дар ғами ту...

– Миннатдорам! Мисли шумо аз куҷо ёбам? Намеёбам!

– Шӯ карда равӣ ҳам, ту ҳамеша бо ман, ту ҳамеша дар ёду хаёли ман. Бачаҳоят – бачаҳои ман! Акнун, хоҳарҷон, зуъмӣ накарда, ба давоми гапам гӯш андоз: бо худи домодшаванда ҳам вохӯрдам. Ситорагарму солеҳ, ба дилам нишаст. Аз хусуси Теҳрону Самеъ гап кушодам. Гуфт, ки қавл медиҳад, меҳри падарӣ аз онҳо дареғ надорад.

– То кай бошад...

– Маҷбур намекунам, ки ба ӯ рас. Хуб фикр кун.

– Фикр мекунам, – мегӯяд Маъсума ва чизе ба ёдаш расида: – Дарвоқеъ, тарафи водӣ ҳам рафтам, гуфтед?

– Гуфтагӣ барин, Мурод – шавҳари Марҳабо, аслан аз тарафи Фарғона буда, он ҷо ҳавлӣ доштаанд. Ту розӣ шавию корҳо табъи дил сурат гиранд, ҳавлии дар Зангиота бударо ба Марҳабо гузошта, Мурод туро ба Фарғона бурданӣ. Вай таклиф кард, ки хоҳиш дошта бошед, як ба ҳавлии дар Фарғона доштаам бубарам – мошин тайёр. Худам ҳам, ки кайҳо боз ба «Бозори ҷаҳон»-и Қӯқанд рафтанӣ будам, таклифи ӯ пазируфтам. Рафтем. Ҳавлии кори калон. Наздикони Мурод ҳам одамони хуб метобанд.

Маъсума табассум мекунад, вале нигоҳи чашмони пурашку андешамандаш пури дард. Дилаш пури андӯҳ. Дар хусуси худ не, дар хусуси ояндаи ду ятимаки худ фикр мекунад: дар хонадони нав бо «падари нав» унс гирифтаву забон ёфта метавониста бошанд онҳо?

* * *

– Бачаяком, – Теҳрону Самеъи лолу ҳайронро, ки арӯсии модарро шунида, чӣ кор кардан, чӣ гуфтани худ намедонанд, бо меҳру навозиш як-як ба оғӯш некашад Нигор, – шумо дигар хурд не, яке дуюмхон, дигар дар синфи сеюм. Падаратон гузашт. Модар бева монд. Таомул ҳамин: шавҳар, ки гузашт, зан бояд шавҳари дигар кунад. Ё баръакс. Хусусан дар ҷавонию миёнсолӣ. Бе ҳамсар, бе соҳиби сар умр гузарондан машаққат. Шумо, ки калон шудаед, инро бояд фаҳмед. Ину он гуфта, коре карда, модарро ғам надиҳед. Бе ин ҳам вай, бечора, дар як аҳвол. Маъсума шуморо ҳамроҳ ба Фарғона, ба хонаи шавҳари нав мебарад. Ҳамон ҷо мемонед. Рафту гуфта намешавад, он ҷо ба шумо маъқул нашавад, худам мераматон. Ҳавлии мо калон, дуятон бачаҳои худам. Калонтар, ки шудед, ана, хонаи худатон ҳам хаст. Фақат, бачаяком, зиқ нашавед. Модарро ҳам зиқ накунед. Худо хоҳад, ҳамааш хуб мешавад.

* * *

Вале, аз афт: «на ҳамааш хуб шуд»-у...

– Аммаҷон, – аз гӯшаки телефон баланд мешавад садои гиряолуди Теҳрон, – мо хеле зиқ шудем. Бисёр зиқ шудем! Лекин очаамон ба Тошканд рафтанӣ не. Моро бурданӣ не. Равем, гӯем, мегиряду халос.

– Теҳрон, бачаякам... – аз дард метапад дили Нигор, – ҳолу аҳволи модарат нағз, охир? Худат сиҳатӣ? Додарчаат Самеъ чӣ хел?

– Самеъ ҳамин ҷо, – мегӯяд бо овози канда-канда Теҳрон ва аз гӯшак фиқ-фиқ гиряи басӯзи Самеъ шунида мешавад. Нигор, дилу ҷигараш об, – Самеъҷон, – мегӯяд, – ту дуруст?

– Шумоя... ёд кардам. Меравам!

Ашк якбора сарозер мешавад аз чашмони Нигор.

– Зиқ нашав, бачаякам, – мегӯяд базӯр худро аз гиря нигоҳ дошта, – худи пагоҳ ман ба Фарғона, ба наздатон меравам.

* * *

Фарғона. «Хонаи нав»-и Маъсума.

Гаштаю баргашта Нигорро ба оғӯш мекашад Маъсума: – Мураматон, хуб кардед, ки омадед. Дилам аз зиқӣ тарс кафам, мегуфт.

– Вазнин шав, хоҳарҷон. Бардошт кун. Ба ин даргоҳ омаданатро акнун се моҳ шуд. Бачаҳоят ҳанӯз одат накардаанд. Осон аст? Дару даргоҳи нав, одамони бегона. Оҳиста-оҳиста унс мегиред. Ҳама кас ва ҳар чиз «худӣ» мешаванд. Меҳр пайдо мекунед.

– Кошкӣ.

– Шавҳарат чӣ хел? Муносибаташ ба бачаҳо хуб?

...Хуб, чашм нарасад. Бисёр хуб, вале бачаҳо ба ӯ безътино. Худро аз вай дур гирифта, аз чӣ бошад, ҳамон бегонагӣ мекунанд.

– Оҳиста, хоҳарҷон. Ҳамааш ба оҳистагӣ. Муҳимаш, одами хуб баромадани соҳиби сарат. Зоро ӯ тезтар ба ром кардани дили бачаҳо муяссар шавад. Ана баъд – хотир ҷамъ.

* * *

Занги телефон.

Нигор гӯширо бардошта: – Аммаҷон, – мешунавад садои гилаомези Самеъро, – ваъда чӣ буд? Нагуфта будед, ки шумо зиқ шавед, гирифта меорам. Намебаред?

– Чӣ, ҷудо ҳам зиқ шудед?

– Э, аммаҷон, шумо набаред, ману Теҳрон... мегурезем!

Дили Нигор сахт такон мехӯрад.

– Не, бачам, ин хел накунед. Теҳрон дар пешат?

– Ҳа, ана, гап занед.

– Теҳрон, бачам!

– Ҳа, амма...

– Чӣ мегӯяд Самеъ? Гурехта меравем?

– Дигар чӣ кор кунем?

– Ин кора накунед! Калонтар астӣ. Ба додарча гӯ, боақлакам, ин фикрро аз сар дур кунад. Ҳоли модарат чӣ мешавад? Аз хавотирӣ вай ба ҷое намерасад? Ҳамин ки фурсат ёфтам, ман меравам. Дуята худам меорам ба Тошканд.

– Рост? Ба ростӣ?

– Ба ростӣ, бачаякам. Ба карибӣ, худо хоҳад, меравам!

– Раҳмат, аммаҷон. Тезтар биёед!

* * *

...–Ҳа, Маъсумаҷон, бачаҳоят занг заданд. Онҳо, аз афт, Тошканда сахт пазмон шудагӣ. Ваъда додам, ки меравам, мераматон.

– Моро ҳам ба ҷону ҳолам намемонанд. Чӣ кор кунам, намедонам.

– Каме сабр, хоҳарҷон. Фурсат, ки ёфтам, меравам. Дуяша меорам. Ин ҷо – он ҷо калон мешаванд.

– Ҳамин ки рафтанд, апаҷон, онҳо дигар омаданӣ не!

– Хайр, бо ман мондан мегиранд. Бачаҳои худам, ҷои бемалол. Ҳоҷати ташвиш не.

– Ман чӣ кор мекунам бе онҳо?

– Чӣ кор мекардӣ? Ҳар замон омада меистӣ.

– Дилам, ки ман ҳам...

Сардӣ медавад ба саропои Нигор.

– Маъсум! Дигар ин гапа ба забон наор. Он хел шавҳар, он хел ҷои хуба як худо расонд. Ношукрӣ накун.

– Дуруст, апаҷон. Лекин бачаҳом беист зуъмӣ доранд, ки биравем. Аз нолаву зориашон дилам об. Ҳар қадаре падарандар меҳрубонӣ кунад, тавба, қаҳрашон меояд. Ба бачаҳои кӯча ҳамроҳ не. Доим сарашон ҳам, мулзам, дар чашмашон ашк! Онҳоро дида, апаҷон, дилам адо шуд.

– Гуфтам-ку, меорамашон. Ту худата фикр кун. Мудом «бача-бача» нагӯ. Бача ба гӯрат намедарояд! Оилата обод кун. Мурод чӣ хел? Меҳрубон?

– Ҳа. Аз аввала ҳам меҳрубонтар. Аз бозе, ки...

Аз ларзон баромадани садои Маъсума оташ ба қалби Нигор меафтад.

– Хӯш, хӯш?

– Дар воқеъ, апаҷон, хушхабар гӯям, ё хабари бад, ман...

– Равшантар гап зан: Дуҷонӣ?

– Ҳа, аз афт...

– О, хушхабар-ку! Чаро хабари бад бошад? Худи пагоҳ, иншооллоҳ, расида меравам...

* * *

Тошканд. Хонаи Нигор. Бачаҳо ба Фарғона, ба модар сим мезананд. – Алло, оча. Ин ман, Теҳрон. Ту нағзӣ?

– Бачаякам!

– Самеъ низ ҳамин ҷо, ана.

– Оча!

**(Давом дорад.)**

# Манзараҳои Тирмиз





## Ҷуғрофия васеъ мегардад

**Дар мавсими лагер ва истироҳат ҳоло чордаҳ сол аст, ки Мактаби аэрокосмонавтикаи байналхалқӣ низ ба кори худ шурӯъ мекунад. Танҳо порсол анъана каме тағйир ёфта, бачаҳои соҳибистеъдод на дар Паркент, балки дар ватани Мирзо Улуғбеки мунаҷҷим- Самарқанд ба амал омад.**

Имсол аввалин лексияи кайҳоншиносони оянда дар ҳузури кайҳоннаворд Владимир Ҷонибеков дар Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон хонда шуд. Онро дар мавзӯи «Эволютсияи кайҳон» президенти Академияи улуми ҷумҳурӣ, академик Беҳзод Юлдошев хонд. Дар воқеъ дар ин ҷо Владимир Ҷонибековро ба муносибати 60 солагии синнаш табрик ҳам гуфтанд.

Пас аз он шунавандагони ин мактаб ба лагери «Қизил сой»-и ноҳияи Паркент раҳсипор гаштанд, ки дар он ҷо беш аз даҳ рӯз аз мутахассисони соҳаи кайҳоншиносиву кайҳоннавардон маърӯзаҳо шунида, дар амалия бо ракетаву моделсозии он ошно мешаванд. Имсол бачаҳоро дар озмуни фанни ҷумҳурии мактабиён худи академик Шавкат Воҳидов интихоб намудааст. Номбурда, ки ин курсҳоро аз тариқи Бунёди байналхалқии аэрокайҳонии ҷавонон ба номи Воҳидов созмон медиҳад, ин дафъа ҷуғрофияи иштирокдорони мактабро боз васеътар намудааст. Бачаҳоиояндаи кайҳоншинос аз Фаронса, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ба ин мактаб омадаанд. Барои онҳо кайҳоннавардон Владимир Ҷонибеков ва Солиҷон Шарифов (Русия), доктори иқтисодӣ Фуад Зевар, ки аз хусуси вазъи кайҳоншиносӣ дар мамлакати худ-Шветсия маърӯзаҳо мехонад, ҳавопаймо аз Фаронса хонум Кристина Дебюзӣ дар бобати намоишгоҳи анқариби Ле-Бурже нақл хоҳад кард.

Дар мавсими имсолаи мактаб корхонаву муассисаҳои зиёд кӯмаки моддӣ ҳам расондаанд.

**Т. ИКРОМОВ.**

Ба пешвози 70-солагии Нукус

# Тайёрӣ ба ҷашн

Кормандони ташкилотҳои бинокорӣ ва дигар сохторҳои Нукус ба тантанаҳо бахшида ба ҳафтодсолагии шаҳри ҷоноҷони худ тайёрии пухта мебинанд. Аз он ҷумла баробари дигар обектҳои ҷашнӣ бинои Осорхонаи давлатии санъати ба номи Савитский ҳам аз тармим мебарояд ва ба ин обект низ қувваи калони корӣ сафарбар гардидааст. Дусад нафар масолеҳи овардаро байни худ тақсим карда, аз ҳар дақиқаи кор моҳирона истифода мебаранд. Бригадаҳои андовагарон, рангуборчиён, васлгарон ва дуредгарон бо суръату сифати баланд кор мекунанд. Корҳои ёрирасонро аз қабили сантехникӣ ва низоми кондисионериву шамолдиҳӣ аҳли меҳнати Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Бинокор» ва колоннаи сайёри механиконидашудаи рақами якуми трести «Узэлектромонтаж» ба иҷро мерасонанд. Ба як гурӯҳ кормандони колоннаи мазкур ҳамчунин васлкунии як қатор таҷҳизоти барқӣ вазифа муқаррар гардидааст.

— Аз 672 миллион сӯме, ки дар доираи қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи тайёрӣ ва гузарондани ҷашни 70- солагии Нукус» ҷудо карда шудааст, нисф зиёдашро азхуд намудем,— мегӯяд сарвари раёсати рақами сеюми бинокории Ҷамъияти саҳҳомии «Қароқалпоқпромгражданстрой» Қайраддин Наврӯзаев.— То якуми август се ошёнаи музейро пурра аз даст баровара ва якуми сентябр онро ба истифода месупорем.

Дар дигар обектҳо низ суръати кор паст намегардад. Тамоми диққату эътибор барои сари вақту хушсифат ба иҷро расондани корҳо, боз ҳам ободу зебо гардондани шаҳри Нукус , афзун гардондани теъдоди объектҳои таъиноти мухталиф нигаронда шудааст.

Аз рӯи суръати корҳое,ки бинокорон ва монтажчиён ба рӯи об мебароранд, ҳунармандони халқ ба ҷо меоваранд, ҳаминро пай бурдан душвор нест, ки тамоми обектҳо сари вақт аз даст мебарояндву имконияти калон дар бобати ба ҷашни 70-солагии Нукус ҳамаҷониба омода гардидан фароҳам меояд.

## Омодагӣ ба «Рио+10»

Аз анҷумани ҷаҳонии муҳофизати муҳити зист дар Рио-де-Жанейрои Бразилия ҳам даҳ сол гузашт ва ҳоло баъди ин муддат бори дигар ба ин давраи гузашта нигоҳ карда, охири моҳи август ва аввали сентябри соли ҷорӣ дар Йоҳаннесбурги Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ он ҳама ҷамъбаст карда мешавад.

Дар тамоми созмонҳои экологӣ ба ин муносибат омодагӣ идома дорад ва Бунёди байналмилалии ЭКОСАН низ дар анҷумани худ, ки дар идораи он барпо шуд, аз масъалаҳои доғи экологии минтақа ҳарф зад. Хусусан мавзӯи «Илму фан дар тараққиёти боэътидол» дар маркази диққати иштирокдорони анҷуман қарор дошт.

Онҳое, ки ба ин анҷуман омаданд, назари худро нисбати ин мавзӯъ баён намуданд, ки ин мазмун аз маърӯзаи раиси анҷумани Йоҳаннесбург ҷой хоҳад гирифт. «Рио+10», ки анҷуман чунин ном хоҳад дошт, бароиояндаи наздик низ барномаи амалиётро таҳия ва қабул мекунад.

**Хабарнигори мо.**

# Мулоҳизаҳо перомуни китоби дарсии «Адабиёти ӯзбек»

Бори нахуст дар шӯъбаҳои забон ва адабиёти тоҷик аз рӯи китоби дарсии номзади улуми филологӣ, корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муаллифи барнома ва китобҳои дарсӣ Аслиддин Қамарзода таълим ҷараён гирифт.

Китоб аз ду ҷилд иборат буда, ҷилди аввал қисмеро (аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX) дарбар мегирад. Мутобиқан дар ҷилди дуввум адабиёти муосири ӯзбек акси худро ёфтааст.

Мувофиқи таъкиди худи муаллиф китоб озмоишӣ буда, дар асоси таҷрибаву дастовардҳои услубиву эҷодии устод ҳаллу фасл гардидааст.

Китоб аз 7 ҷузъи чопӣ иборат буда, бо теъдоди хеле кам соли 2001 дар Самарқанд чоп гардидааст.

Дар қисми муқаддимаи китоб муаллиф аз таърихи пайдоиши адабиёти ӯзбек мулоҳизаронӣ намуда, перомуни дӯстии адабиётҳои тоҷик ва ӯзбек, ҳамбастагӣ, ҳамҷиҳатӣ, ҳамкорӣ, муштаракӣ ва бисёр вобастагиҳои ду адабиёти ба ҳам хеле наздикро хотирнишон сохтааст.

Ҷолиби қайд аст, ки муаллиф ҳангоми таҳияи китоб—адабиёти ӯзбекро ба 8 қисм тақсим намудааст.

Сипас, оиди «Эҷодиёти даҳонакии халқ ва ёдгориҳои замони қадим» арзёбӣ гашта, перомуни пайдоиши забонҳои туркӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ ва Ӯзбекистони кунунӣ ва оиди пайдоиши чакидаҳои эҷодиёти халқӣ фикрронӣ намудааст. Ба ин қисмат «Миф ва афсонаҳо», «Достонҳои қаҳрамонӣ», «Афсонаҳои халқӣ ва дигар жанрҳои эҷодиёти даҳонакӣ», «Ёдгориҳои хаттӣ» дохил гардидааст.

Баъдан, «Адабиёти асрҳои X-XII» номгузорӣ гардида, дар ин қисмат муаллиф дар бораи тараққиёти илму фан, адабиёт ва санъат, илмҳои таърих, фалсафа, мантиқ, фанҳои дақиқи ин давра маълумотҳои муфиде фароҳам овардааст. Оиди намояндагони ин давр, амсоли: Юсуф Хос Ҳоҷиб, Аҳмади Югнакӣ, Аҳмади Яссавӣ маълумотҳои ҷолиби диққат дода, оиди эҷодиёти онҳо батафсил фикрронӣ намуда, аз асарҳои онҳо намунаҳо дода, таҳлил намудааст.

Пас аз он «Адабиёти асрҳои XIII ва нимаи аввали асри XIY» баррасӣ шуда, ба замми маълумоти умумии ин давр перомуни Рабғузӣ, Паҳлавон Маҳмуд, Бадриддини Чочӣ маълумотҳои кофӣ дода шудааст.

Баъд аз он оиди «Адабиёти нимаи дуюми асри XIY то ибтидои асри XYII» номгузорӣ гашта, оиди ҳаёти ин давр шоиру навишандагон, муаррихон, ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҷангу исёнҳои ин давр маълумотҳо оварда шудааст.

Баъдан дар бораи Хоразмӣ ва «Муҳаббатнома»-и ӯ, Қутб ва тарҷимаи достони ӯ «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ, Сайёри Саройӣ ва тарҷумаи китоби Саъдӣ «Гулистони туркӣ», Дурбек ва достони «Юсуф ва Зулайхо»-и ӯ, Ҳайдар Хоразмӣ, ки дар пайравии Низомии Ганҷавӣ достони «Махзан-ул-асрор» ном достон навиштааст, Атоӣ ва ғазалҳои ӯ, Саккокӣ ва шеърҳои ӯ, Лутфӣ ва достони ӯ «Гул ва Наврӯз», Алишер Навоӣ ва оиди «Хамса»-и ӯ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур ва лирикаи ӯ маълумотҳо фароҳам овардааст. Ҷоизи қайд аст, ки оиди ин ду намояндаи бузурги адабиёти ӯзбек маълумоти зиёд дода шудааст. Қисмати дигари китоб «Адабиёти асрҳои XYII нимаи аввали асри XIX» буда, оиди ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инқирозҳои давр, афкори давр маълумотҳои умумӣ дода шудааст. Намояндаҳои ин давр: Турдӣ ва асарҳои ҳаҷвию лирикии вай, Бобораҳим Машраб ва ашъори сӯфиёнаи вай, Муҳаммад Шариф Гулханӣ оиди шеърҳои ӯ маълумот дода шудааст.

Ва қисмати дигар «Адабиёти ӯзбек дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX» оиди шароити таърихӣ ва ҳаёти мадании давр, Завқӣ ва ашъори ӯ, Аваз ва шеърҳои оташинонаи ӯ, Муқимӣ ва лирикаи ӯ, Фурқат ва ғазалҳои ғамангезонаи вай, маълумотҳои пурқимат арзёбӣ гаштааст. Дар боби «Тавзеҳот» ва «Адабиётҳо» муаллиф рӯйхати адабиётҳои истифодашударо баён намудааст.

Умуман, ин китоби дарсӣ падидаи хубест ба дӯстдорон, ҳаводорон ва донишҷӯёни шӯъбаҳои филологӣ.

Маълум аст, ки муаллиф дар эҷоди ин китоб меҳнату заҳмати зиёд кашидааст. Боиси миннатпазирист, ки кори мо донишҷӯёнро дар ҷараёни омӯзиши фанни адабиёти ӯзбек хеле осон гардонид.

**Рахшона ИСОМИДДИНОВА,**
**донишҷӯи гурӯҳи методикаи таълими ибтидоии Донишкадаи омӯзгории Ангрен.**

# НАВИГАРИҲОИ ОЛАМ
Хабарҳо аз хориҷа Хабарҳо аз хориҷа

## Абдул Қалам-роҳбари нави Ҳинд

**Дар интихоботи президентӣ дар Ҳиндустон номзади беҳизб аз Иттиҳодияи милии демократӣ Абул Фақир Зайнулобидин Абдул Қалам пирӯз гардид, ки он ба ҳисоб дувоздаҳумин роҳбари давлати Ҳинд мебошад.**

Агарчи Абдул Қалам дар ҳаёти сиёсии мамлакат чандон чеҳраи шинохта нест, дар соҳаи илм, аз назари таҳлилгарон, беназир аст, зеро олими 71 соларо падари «бомбаи атомӣ» меноманд. Ӯ муҷаррад ҳам мебошад.

Дар таърихи навини Ҳиндустон ӯ сеюмин президенти мусалмон аст. Дар интихобот, ки дар он ҳарду палатаи порлумони миллӣ ва мақомоти қонунофари ҳама вилоятҳо (4785 нафар) бештар аз чор ҳазор овоз доданд.

Абдул Қалам таъкид намудааст, ки аз ин пирӯзӣ хеле хушҳол мебошад ва чунон кор кардан мехоҳад, ки пас аз бист сол Ҳиндустон ба мамлакати «аз қашшоқӣ орӣ, солим, шукуфон ва қудратманди пешқадам» табдил ёбад. Барномаи ҳаракати ӯ дар ин бобат китоби вай бо номи «Назар ба Ҳиндустони соли 2002» ва «Афкори илҳомбахш» хоҳад гардид.

Ихтирои бомбаи атомӣ дар Ҳиндустон бо номи ӯ вобаста мебошад. Инчунин дар нақли чунин бомба, эҷоди ҳавопаймои низомӣ, техникаи зиреҳпӯш ва дигар силоҳҳо ҳисса гузоштааст.

Ба унвони президенти мусалмон аллакай аз ҷониби исломиёни тундрав таҳдидҳо меборад. Мувофиқи хабаре, ки рӯзномаи «Ҳинду» пахш намудааст, ба ҳаёти Абдул Қалам ҷанговарони созмонҳои «Лашкари Тоиба» ва «Ҳизб-ул-муҷоҳидин», ки дар Покистон мустақар мебошанд, қасд кардан мехоҳанд.

## Бачаи сиёҳ аз волидайни сафед

**Дар натиҷаи хатои гинекологҳо дар Британияи Кабир аз падару модари сафедпӯст фарзанди сиёҳпӯст ба дунё омад. Ин ҳомила ба таври сунъӣ ба вуҷуд оварда шудааст.**

Аслан бо роҳи сунъӣ ҳомила кардани занҳо дар Британияи Кабир ҳоло касеро мутааҷҷиб намесозад, зеро соле дар ин ҷо то 27 ҳазор нафар ба ин мақсад ба пизишкон муроҷиат менамоянд.

Агар дар ин масъала як иштибоҳи ҷиддӣ роҳ намеёфт, он ба эътибори касе намеафтид. Рӯзномаи кӯчагии «Сан» ба ин маълумоти махфӣ даст ёфтааст. Тавре ки он менависад, бо иштибоҳи духтурон аз зану шавҳари сафед фарзанди зангӣ ба дунё омадааст. Эҳтимол меравад, ки ин ҳодисаи нодир ба сабабҳои гуногун рух дода бошад. Зеро ба батни модари оянда духтурон на нутфаи шавҳари вай, балки шахси сиёҳпӯстро ҷой дода бошанд. Аммо метавонад бо хатои дигар ин ҳодиса ба амал омада: тахмин карда мешавад, ки тухмҳуҷайраи зани сиёҳпӯстро ба эмбриони ин зани орзуманди фарзанд гузоштаанд, зеро ҳангоми ба он ҷой кардани нутфа аввал аз батни модар берун оварда, баъд дубора бо тухмҳуҷайра якҷоя дар он ҷой мекунанд. Боз як иллати эҳтимолии дигар падидаи тиббӣ буда метавонад, яъне он масъалаи генетикӣ, ки дар натиҷа пигментатсияи пӯсти бача тағири ранг мекунад.

Дар ҳар сурат волидайни кӯдак мунтазири он мебошанд, ки иллати ин ҳодисаи ҳайратангез барои онҳо ошкор карда шавад, зеро онҳо барои таваллуди фарзанд на танҳо вақту қувва, балки танҳо барои чунин амалиёт 5 ҳазор доллар рехтаанд.

Бар замми ин Суди Олии Британия қарор баровардааст, ки ба воситаҳои ахбор ва шахсони дигар ошкор намудани номи волидайн ва фарзандро, ки ба ин ҳодиса алоқаманданд, манъ мекунад.

Дар чунин як ҳодисаи дигар дар Ню-Йорк суд чунин қарор кард, ки бача на ба модаре, ки ӯро таваллуд карда буд, балки ба зане, ки соҳиби тухмҳуҷайра будааст, супурда шуд.

## Фармони бесилоҳсозӣ

**Раисиҷумҳури Афғонистон Ҳомид Корзай фармоне содир намуд, ки мувофиқи он гурӯҳҳо ва ҳизбҳои мусаллаҳ таъҷилан бояд бесилоҳ карда шавад.**

Бо ин мақсад комиссияи махсус созмон дода мешавад. Дар маҷлиси Девони Вазирон роҳбари Афғонистон таъкид намуд, ки комиссияи таъсисшаванда тадбирҳои мушаххасро таҳия менамояд. Таҳлилгарони сиёсӣ ин қадами ҳукумати Ҳомид Карзайро хеле муҳим мешуморанд, зеро халъи силоҳи бомуваффақияти гурӯҳҳои низомии маҳаллӣ ба идораи босамари мамлакат мусоидат менамояд.

